# Оё медонед Парвардигоратон чи мегӯяд?" Гуфтанд: Худованд ва расулаш донотаранд. Паёмбар (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Парвардигоратон мегӯяд: баъзе аз бандагонам ба Ман имон оварданд ва баъзеи дигар кофир шуданд

Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) намози бомдодро зери осмони абрӣ бароямон гузошт ва пас аз поёни намоз рӯй ба мо овард ва гуфт: "Оё медонед Парвардигоратон чи мегӯяд?" Гуфтанд: Худованд ва расулаш донотаранд. Паёмбар (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Парвардигоратон мегӯяд: баъзе аз бандагонам ба Ман имон оварданд ва баъзеи дигар кофир шуданд, Аммо ҳар касе гуфт: ба фазлу раҳмати Худованд бароямон борон борид, ӯ бар Ман имон овардааст ва бар ситора кофир шудааст. Аммо касе бигӯяд ба сабаби ин ва ё он ситора бароямон борон борид, пас ӯ бар Ман кофир ва бар ситорагон имон овардааст".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) намози бомдодро дар Ҳудайбия - қаряе наздик ба Макка - пас аз шаби боронӣ, гузошт ва пас аз адои намоз рӯй ба мардум овард ва гуфт: оё медонед Парвардигори бузурги шумо чи мегӯяд? Гуфтанд: Худованд ва расулаш беҳтар медонанд. Паёмбар фармудаанд: Худованд баён медорад, ки мардум ҳангоми боридани борон бар ду даста тақсим мешаванд: дастаи аввал касоне ки ба Худованд имон доранд, ва дастаи дуввум касоне ки ба Худованд кофир шудаанд. Ҳар касе бигӯяд: ба фазлу раҳмати Худованд бароямон борон борид, ва боридани боронро ба Худованд нисбат диҳад ӯ ба Худованди Офаридагори ҳастӣ имон овардааст ва сабабро дар ситорагон надидааст. Аммо касе бигӯяд: ба сабаби ин ё он ситора борон боридааст, пас ӯ ба Аллоҳ кофир ва бар ситорагон имон овардааст, ва ҳадаф аз куфр инҷо куфри асғар аст, зеро боридани боронро ба ситорагон нисбат додааст, дар ҳоле, ки Худованд онро сабаби шаръӣ ва ё қадарӣ қарор надодааст. Аммо касе бар ин бовар бошад, ки боридани борон ва дигар ҳаводиси табиъӣ марбут ба ҳаракати сайёраҳост ва ҳаракати онҳоро дар ин ҳаводис омили асосӣ бидонад пас ӯ куфр (куфри акбар) варзидааст.